Тақриз

ба автореферати диссертасияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи "Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии Ҷанубӣ Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)– доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 - Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Самаранокии заминҳои обёришаванда дар соҳаи кишоварзӣ ба таври муҳим аз ҳисоби нигоҳ доштани ҳосилхезии хок баланд мегардад, ки ин тавассути кишти зироатҳои фосилавӣ баъд аз кишти зироатҳои асоси низ амалӣ мешавад. Ҳангоми кишти зироатҳои такрорӣ пас аз кишти асосӣ баландшавии назарраси ҳосилхезии хок мушоҳида мегардад. Дар сурати интихоби дурусти зироат, муҳлат ва меъёри кишт таъсири махсус расонида, ҳосилхезии хок бо мурури замон баланд мешавад ва ба афзоиши ҳосил мусоидат мекунад. Аммо дар ҳолати риоя накардани қоидаҳои агротехникии кишт, ҳосилхезии хок паст шуда, сифат ва миқдори ҳосил коҳиш меёбад.

Кори илмии Р.Н. Давлатова тайи солҳои 2021-2023 ба омӯхтани хусусиятҳои тараққиёт, инкишоф ва маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар кишти тоза ва омехта вобаста ба муҳлати кишт, таъсири он ба ҳосилхезии хок, зироати баъдкиштшаванда дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корам ва таҳияи усулҳои илман асоснок доир ба рӯёнидани на кам аз 3 ҳосил дар як сол равона мебошад.

Муаллиф дар натиҷаи КИТ ҳосилнокии пахтаи навъи Нодирро вобаста ба пешинакишт 34,4-38,2 с/га афзоиш намуд, ки нисбати варианти назоратӣ (кишти пахта баъд аз шудгор) 3,3-7,0 с/га зиёд мебошад.

Дар заминаи зироатҳои фосилавӣ бошад, ҳосилнокии анбӯҳи сабзи ҷуворимакка вобаста ба пешинакишт 672-702 с/га-ро ташкил намуд, ки бо баромади 154-161 с/га воҳиди хӯрока ва 12,1-12,6 с/га протеини ҳазмшаванда расонид. Маҳсулноки зироати ҷуворимакка ҳангоми зироатҳои фосилавии мушунг+сулии Тоҷикӣ-50 ва ҷавдори Вахш-28 ба 696-702 с/га расид, ки нисбати кишти тозаи мушунг зиёд шуд.

Усулҳои пайдарҳами кишти зироатҳои кишоварзӣ дар кишти омехтаи мушунг бо ғаллагиҳо+ҷуворимакка+арзан, офтобпараст, мушунг ва бозрӯйиди арзан, мушунг дар системаи самаранок истифодабарии заминҳо имконияти фароҳам оварда, чор ҳосили анбӯҳи сабз вобаста ба вариантҳо 1903-2065 с/га, 356-385 с/га воҳиди хӯрока 38,1-41,1 с/га протеини ҳазмшаванда ҷамъоварӣ кард. Ин мутаносиб ба варианти санҷишӣ дар як сол чор ҳосил бо 17430-20357 сомонӣ/га даромади соф ба даст овард.

Дар диссертасияи новобаста аз натиҷаҳои хуби ба даст овардаи илмӣ, норасогиҳо дида мешаванд:

1. Дар сах. 5 қисми ““Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот” натиҷаҳои илмӣ тайи солҳои 2022-2023 дар масоҳати 22 гектар татбиқ карда шудааст”, оварда шудааст, он чи тавр татбиқ шудааст, вақто ки натиҷаҳои КИТ дар автореферат солҳои 2021-2023 нишон дода шудааст;
2. Дар ҷадвалҳои 2 ва 4 номгӯи навъҳои зироатҳо ҳангоми кишти омехта бо аломати “+” ҷудо карда нашудааст, дар ҳоле, ки боқимонда ҷадвалҳо ин аломат вуҷуд дорад, хуб мешуд ҳамаи вариантҳо бо як услуб нишон дода мешуданд.

Бояд қайд намуд, ки эроди зикр шуда, моҳияти илми-амалӣ доштаи диссертатсияро кам намекунанд ва натиҷаҳои ба дастоварда бисёр мубрам мебошанд.

Диссертатсияи Давлатова Рухшона Нодирхоновна дар мавзуи “Маҳсулнокии зироатҳои фосилавӣ дар ҷараёни самаранок истифодабарии заминҳои корами обии Ҷанубии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)– доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 - Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод гардидааст ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмӣ мешуморам.

Тақризиҳанда:
Дотсент, доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси
06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ,
мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноати
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи ак. М.С.Осимӣ
дар ш. Хуҷанд (ДПДТТХ) **Рашидов Н.Ҷ.**
Суроға: 7357000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯч. Ҷ.Зокир 332.
Тел. моб.: +992927205057
Почтаи эл.: naimrashidov-tj@mail.ru

Имзои Н.Ҷ.Рашидовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва назорати иҷрои ДПДТТХ **Юсупова М.Ш.**

Суроғаи ташкилот: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 226.

10 / 02 / 2026с.